аз 29.04.2022 №7238/11.1

Мақомоти ҳудудии андоз

Соҳибкорони инфиродии тибқи
патент ва шаҳодатнома бо шартҳои
махсус фаъолияткунанда

**Оид ба амалисозии сабукӣ ва имтиёзҳои
андозӣ нисбат ба соҳибкорони инфиродии
тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи муқаррароти қисми 10 моддаи 373 Кодекси андоз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151 Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда (минбаъд – Қоидаҳо) тасдиқ карда шудааст.

Бо мақсади сари вақт ва дуруст татбиқ намудани сабукӣ ва имтиёзҳои андозие, ки тибқи Қоидаҳо барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда муқаррар карда шудааст, мактуби тавзеҳотии мазкур пешниҳод карда мешавад.

Тибқи муқаррароти Қоидаҳо соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда дар асоси замимаи 5 Қоидаҳо бояд фаъолияти соҳибкории худро тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус идома диҳад.

Вобаста ба ин, дар асоси муқаррароти Қоидаҳо тартиби андозбандии соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда **монанди низоми патентӣ ба роҳ монда шуда, ҳамаи сабукӣ ва имтиёзҳои қаблан амалкунанда дар боби 3 Қоидаҳо барои онҳо нигоҳ дошта шудааст.** Аз ҷумла:

- маблағи андоз тибқи замимаи 5 Қоидаҳо зиёд нагардида, дар шакли устувор бо тариқи пешпардохт то санаи 5-уми моҳи ҷорӣ барои як моҳ ё якчанд моҳи минбаъда ба буҷети маҳалли фаъолият пардохт мегардад;

- аз пардохти андоз аз даромад, ба истиснои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки дар шакли устувор вобаста ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус пардохтшаванда, озод мебошад;

- аз пешниҳоди ҳисоботи андоз, ба истиснои пешниҳод намудани эъломияи даромади умумӣ барои соли гузаштаи тақвимӣ (ё барои давраи аз оғози соли тақвимӣ дар ҳолати қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ) озод мебошад;

- бо мақсади васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ доранд минтақаи фаъолиятро дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ё ҳудуди вилоят (вилоятҳо) ва ё ду ё зиёда шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ интихоб намоянд;

- дар давраи бемории бистарӣ, рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд, дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, рух додани сӯхтор ва офатҳои табиӣ дар маҳалли фаъолият, бо санади судӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва (ё) дар изолятор (тавқифгоҳ)-и тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан ва ҷорӣ гардидани карантин дар маҳалли фаъолият, бо пешниҳоди ариза дар бораи татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ ва ё фаъолият, андози дар шакли устувор барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус муайяншуда пардохт карда намешаванд;

- маблағи умумии пардохт ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад, агар пардохти маблағи шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт таъмин карда шавад.

Илова ба сабукӣ ва имтиёзҳои дар боло қайдшуда **барои соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда як қатор ҳавасмандкуниҳои нав** пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла:

- ҳадди даромади умумии маҳдудкунандаи фаъолият бо ин низом аз 100 ҳазор сомонӣ ба 500 ҳазор сомонӣ муайян шуд;
- фаъолияти иқтисодии хориҷиро (воридот ва содироти молҳо) метавонад то 500 ҳазор сомонӣ анҷом диҳад (дар низоми патентӣ анҷом додани фаъолияти мазкур маҳдуд карда шудааст);
- ҳуқуқ дорад барои амалӣ намудани фаъолият то 2 корманди кироярo ҷалб намояд (дар низоми патентӣ соҳибкор ҳуқуқи ҷалби коргари кироярo надорад);
- аз истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ дар ҷойҳои ғайристатсионарӣ озод мебошанд.

Дар асоси муқаррароти қисми 10 моддаи 373 Кодекси андоз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151 Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда қабул гардида, дар он ҳангоми гузариш аз низоми патентӣ ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус, инчунин ҳангоми қатъи фаъолияти онҳо анҷом додани санҷиши сайёри андоз пешбинӣ карда нашудааст.

Бо назардошти муқаррароти Қоидаҳо ва бинобар сабаби он, ки маблағи андози соҳибкори инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда устувор бо тариқи пешпардохт барои як

моҳ ё якчанд моҳи минбаъда ба буҷети маҳалли фаъолият пардохт мегардад, ҳангоми гузариш аз низоми патентӣ ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус, дар раванди фаъолияти чунин соҳибкорон, инчунин ҳангоми қатъи фаъолияти онҳо санҷиши сайёри андоз гузаронида намешавад.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандони андозро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади дуруст татбиқ намудани сабукӣ ва имтиёзҳои андозӣ ба соҳибкорони инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намоянд.

Раис Н. Давлатзода